## Тақризи роҳбари илмӣ

Ба диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдумаликович дар мавзӯи “Хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон” барои пешниҳод ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Дар шароити камзаминии ҷумҳурӣ оқилона ва самаранок истифода бурдани заминҳои обёришаванда манбаи асосии истеҳсоли маҳсулотҳои ғизоӣ ба шумор рафта, парвариши ҷуворимакка дар кишти асосӣ ва такрорӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, дар таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Муҳимии корҳои илмию таҳқиқотии Валиев Ҷ.А. дар бораи омӯзишу таҳлили хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар минтақаҳои шимоли ҷумҳурӣ нигаронида шудааст ва дар натиҷа навъҳои серҳосилу бо давраҳои гуногуни пухтарасии дон ихтироъ карда шудааст, ки ин мавзӯи аҳмиятноки илмӣ ва амалӣ шуморида мешавад.

Аз ҷониби Валиев Ҷамшед Абдумаликович пеш аз оғози корҳои илмию таҳқиқотии мавзӯъ, роҳбари илмӣ, барномаи корӣ таҳия намуда, дар корҳои таҷрибавӣ ва ҷамъоварии маълумотҳои илмӣ иштирок намуда, натиҷаи он дар ҷаласаҳои шуъбаи агротехникаи зироатҳои кишоварзӣ ва Шӯрои илмии Филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Суғд муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Дар шароити заминҳои обии вилояти Суғд, бори аввал аз ҷониби унвонҷӯ омӯзиши дақиқи 500 намунаҳои аввалияи ҷуворимаккаҳои бурунмарзӣ ва селексионии навъҳои маҳаллӣ, популятсионӣ, синтетикӣ ва шаҷараҳои худгардолудшаванда мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд, ки онҳо ҳамчун маводҳои арзишноки дар оянда барои корҳои селексионӣ ва истеҳсолот, истифода бурда мешаванд.

Диссертатсияро шахсан худи муаллиф иҷро намуда, натиҷаҳои илмии бадастовардашуда низ, таҳқиқоти мустақилонаи ӯ мебошад. Дар давоми ҳама давраҳои таҳқиқот муаллиф иҷрокунандаи асосии он буда, дар ин замина кори диссертатсияро пурра ба анҷом расонидааст.

Дар натиҷаи корҳои селексионии бисёрсола ҷуворимаккаи навъи “Истиқлол” ихтироъ карда шудааст, ки ҳосилнокии донаш ба 80-85 с/га баробар аст ва нисбат ба навъи ноҳиябандишудаи назоратии “Зарафшон” 10,5 сентнер аз 1 гектар зиёд аст. Санҷиши истеҳсолии солҳои 2019-2020 нишон доданд, ки ҳосилнокии дони ҷуворимаккаи навъи “Истиқлол” дар

хоҷагиҳои вилояти Суғд дар кишти асосӣ 85 с/га, такрорӣ 60 с/га-ро ташкил додааст ва масоҳати кишти он дар 30 гектар татбиқ шудааст.

Дар диссертатсия маводҳои ҳарсолаи натиҷаи таҳқиқотҳои бaанҷомрасида, бақайдгирӣ ва мушоҳидаҳои фенологии таҷрибаҳои саҳроии муаллиф оварда шудааст. Санадҳои апробатсияи натиҷаи корҳои таҳқиқотии таҷрибаҳои саҳроӣ дар захирагоҳи муассиса нигоҳ дошта шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, дар омӯзиш ва шарҳи таҳлили адабиётҳои илмӣ, коркарди барномаи таҳқиқот, иҷрои таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишӣ, корҳои аналитикӣ, тавсияҳои хулосавӣ ва пешниҳодҳо ба истеҳсолот, ба назар мерасад. Саҳми иштироки бевоситаи унвонҷӯ барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот 80 % аз ҳаҷми умумии диссертатсияро ташкил медиҳад.

Мавзӯи таҳқиқотии интихобнамудаи муаллиф аз ҷиҳати муҳимӣ, навгонии илмӣ ва арзиши амалӣ ба талаботи имрӯзаи соҳаи кишоварзии мамлакат ҷавобгӯй буда, ба иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбӣ мерасонад ва барои истеҳсоли маҳсулотҳои ғизоӣ, мусоидат менамояд.

Чунин мешуморам, ки муаллиф Валиев Ҷамшед Абдумаликович бо меҳнати худ ба рушди илми соҳаи зироатпарварии ҷумҳурӣ саҳми арзанда гузоштааст. Кори диссертатсияи ӯ дар мавзӯи "Хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон" ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ
доктори илмҳои кишоварзӣ
академики АИКТ Асозода Н.М.

Суроға:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони.Рӯдакӣ, 21а
Имзои Асозода Н.М. – ро тасдиқ мекунам,
сармутахассис оид ба кадр Ахмедова М.